№9682/5.1-д аз 21.06.2019

Мақомоти
ҳудудии андоз

*«Оид ба тартиби бекор кардани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан»*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тартиби барҳам додани воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ ва бекор кардани рамзҳои сабабҳои баҳисоб гузоштан, тибқи талаботи банди 51 қисми 5 «Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013, №323 тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

Зимнан, иттилоъ медиҳем, ки бо мақсади татбиқи дурусти талаботи қарори мазкур, ба мақомоти ҳудудии андоз мактуби дастурӣ (аз 21.08.2013, №7244/5.1) ирсол карда шудааст, ки бақайдгирии воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ ва бо рамзҳои сабабҳои баҳисоб гузоштан таъмин намудани онҳоро муқаррар менамояд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи талаботи қисми 51 «Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан», дар ҳолатҳои дахлдор ба андозсупорандагон рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ дода шуда, дар асоси муроҷиати хаттии андозсупоранда рамзҳо (бо пешниҳоди ариза) бекор карда мешаванд.

Бо мақсади назорати минбаъдаи фаъолияти андозсупорандагон, аз ҷумла воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ, бекор кардани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан, тибқи тартиби муқарраршуда бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- пешниҳоди аризаи андозсупоранда ба мақомоти андоз оиди бекор кардани рамзи сабабҳои ба ҳисоб гузоштани воҳиди алоҳида (шакли тасдиқшуда), қарори корхона дар хусуси барҳам додани воҳиди алоҳида ва нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи бегонакунии объектҳои андозбандӣ ва ё объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд;

- тартиб додани санади муқоисавӣ оид ба таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ бо воҳиди алоҳидае ки фаъолияти он қатъ карда мешавад;

- ба мақомоти андоз баргардонидани нусхаи аслии тасдиқнома оид ба рамзи сабабҳои баҳисоб гузоштани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ;

- пешниҳоди тавозуни (баланси) фосилавӣ ва эъломияи андоз аз фоида барои то давраи қатъ намудани фаъолияти воҳиди алоҳида.

- Хулосаи мақомоти андози маҳалли қайди субъект оиди бекор кардани воҳиди алоҳида;

Инчунин, ҳангоми қатъ намудани фаъолияти воҳиди алоҳида, аз ҷониби мақомоти андози махали қайди чунин воҳидҳо, ҳисобварақаҳои воҳиди алоҳида аз рӯи ҳар як намуди андоз барои тамоми давраи фаъолияти он, аз барномаи компютерӣ чоп карда шуда, баъд аз бо муҳру имзои Нозироти андоз ва корманди муттасадӣ тасдиқ намудани онҳо дар парвандаи воҳиди алоҳидаи барҳамдодашаванда нигоҳ дошта мешаванд.

Қайд кардан зарураст, ки тартиби пардохти андозҳо аз ҷониби воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ тибқи талаботи моддаҳои 68 ва 158 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Аммо, дар аксар ҳолатҳо аз ҷониби воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ тибқи талаботи моддаи 68 Кодекси андоз, маблағи андози даромад ва андози иҷтимоӣ ба буҷетҳои маҳалли ҷойгиршавии воҳиди алоҳида пардохт шуда, талаботи моддаи 158 Кодекси андоз пурра риоя нагардида, пешпардохти маблағи андоз аз фоида ба буҷети маҳалли ҷойгиршавии воҳиди алоҳида интиқол дода намешавад, ки дар натиҷа ҳангоми пешниҳоди эъломияи ниҳоии андоз аз фоида, нисбати чунин воҳидҳо низ аз рӯи ин намуди андоз ухдадориҳо ба миён меоянд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати дуруст ҳисоб ва ба буҷети маҳалли ҷойгиршавии воҳиди алоҳида пардохт намудани андоз аз фоида, ҳангоми ба анҷом расидани фаъолияти воҳидҳои алоҳида, аз шахси ҳуқуқие, ки воҳиди алоҳидаи он барҳам дода мешавад, тавозуни фосилавӣ (баланс) ва эъломияи андоз аз фоидаро барои то давраи қатъ гардидани фаъолияти воҳиди алоҳида талаб намуда, тибқи муқаррароти моддаи 158 Кодекси андоз ҳисоб ва пардохти андоз аз фоидаро низ таъмин намоянд.

Баъд аз анҷом додани тартиби мазкур, аз ҷониби Нозироти андози маҳалли қайди воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ як нусхаи ҳуҷҷатҳои дар мактуб номбаршуда ва маълумотномаи Нозироти андоз оиди аз ҷониби воҳиди алоҳидаи барҳамдодашаванда ба пуррагӣ иҷро намудани уҳдадориҳои андозӣ ҷиҳати бекор кардани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан, ба Кумитаи андоз пешниҳод карда мешаванд.

Дар навбати худ, Кумитаи андоз тибқи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва тартиби муқаррарнамудаи қисми 51 «Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан», фаъолияти воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқиро қатъ намуда, аз натиҷаи он мақомоти ҳудудии андозро огоҳ менамояд.

Бо назардошти ба имзо расонидани мактуби мазкур, мактуби дастурии каблии Кумитаи андоз аз 17.05.2018, №6220/5.1 аз эътибор соқит дониста мешавад.

Замима: шакли ариза оиди бекор кардани рамзи сабабҳои ба ҳисоб гузоштани воҳиди алоҳида дар ___ варақ.

Раис Н. Давлатзода